**«Тасдиқ мекунам»**
**ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**_________ профессор Усмонзода А.И.**
**«_____» __________ соли 2022**

# ХУЛОСАИ

**маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Воҳидова Н.А. дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) – Хуҷанд, 2022. – 179 саҳ.**

Диссертатсияи Воҳидова Нодира Абдусатторовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» дар кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) иҷро шудааст.

**Роҳбарони илмии диссертатсия:** Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф – д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”; Азимова Матлуба Нуритдиновна – д.и.ф., профессори кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии факултети

забонҳои хориҷии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

Муҳокима ва экспертизаи давраи якуми диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз санаи 17 январи 2022, протоколи № 6 баргузор гаштааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва мазмуну муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат дорад.

**Алоқамандии мавзӯи дисертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқот дар заминаи сиёсати давлатии соҳаи забон дар марҳалаи ҳозира робитаи мустақим дошта, дар асоси «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ва «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба амал бароварда мешавад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ бо муҳтавои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмӯаҳои илмӣ ва маҷаллаҳои давр тавассути фишурда (автореферат) ва 13 номгӯй мақолаи илмӣ, (аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои дар қайди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, манзури доираи васеи хонандагон гардонида шудааст, чунончи:

**I. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии эътирофшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Воҳидова Н.А. Манбаи муҳими таҳқиқи фразеология / Н.А. Воҳидова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати

Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ISSN (2413-2004) – Хуҷанд: Типографияи хурди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 2021. - №1 (86). – С. 96-103. – EDN TLSKKY.

[2-М] Воҳидова Н.А. Фразеография – омили рушди таҳқиқ ва таълими фразеологияи забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ / ISSN (2663-5534). – Бохтар, 2021. - №1/3 (89). – С. 66-69. – EDN UENFAI.

[3-М] Воҳидова Н.А. Аз таърихи ташаккули фразеографияи забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ / ISSN(2219-5408). – Душанбе, 2021. - №2 (91). – С. 92-97. – EDN PXSRHK.

[4-М] Воҳидова Н.А. Усулҳои шарҳи воҳидҳои фразеологӣ дар фарҳангҳои фразеологии забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. Бахши филология. – Душанбе: Матбааи табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи матн, 2021, - №6. – С. 46-52. – EDN MJCUTA.

[5-М] Воҳидова Н.А. Оид ба устуворият ва гунанокии фразеологизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н.А. Воҳидова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ / ISSN(2219-5408). – Душанбе, 2022. - №2 (97). – С. 127-133

**II. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ:**

[6-М] Воҳидова Н.А. Типология - омили рушди фразеографияи забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Масъалаҳои мубрами муосири фанҳои гуманитарӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи минтақавии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 80-солагии профессор Абдувалӣ Бердиалиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 230-234.

**[7-М]** Воҳидова Н.А. Марҳалаи нав дар таҳқиқ ва омӯзиши ҳамгирои забонҳо / Н.А. Воҳидова // Роҳҳои такмили сифати таълими забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар партави Паёми Пешвои миллат. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ба муносибати 75-солагии зодрӯз, ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-педагогии узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Корманди Шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Саидбой Шербоев. – Душанбе, 2019. – С. 96-99.

**[8-М]** Воҳидова Н.А. Фарҳанги фразеологӣ ҳамчун сарчашмаи таҳқиқ ва таълими фразеология / Н.А. Воҳидова // Маводи конференсияи илмӣ – амалӣ таҳти унвони «Хусусиятҳои татбиқи имлои нави забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ» бахшида ба таҷлили 70-солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Каримова Моҳинисо Абдуқаюмовна. – Хуҷанд, 2019. – С. 281- 285.

**[9-М]** Воҳидова Н.А. Фразеографияи забонҳои гуногунсохт ва нақши он дар таълим / Н.А. Воҳидова // Уфуқи андеша. Маҷмӯаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантони ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - С.76-82.

**[10-М]** Воҳидова Н.А. Нақши «консепсияи Кунин» дар фразеографияи англис / Н.А. Воҳидова, А.А. Қурбонов // Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи забонҳои хориҷӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. - №10 (2020). – Хуҷанд, 2020 – С. 63-68.

**[11-М]** Воҳидова Н.А. Робитаи забонҳо – омили такомули таълими забонҳои миллӣ (Гузориши масъала) / А. Абдуқодиров, Н.А. Воҳидова // Масъалаҳои мубрами филологияи ӯзбек ва тоҷик. Маводи конференсияи байналмилалӣ-онлайнӣ. 26 ноябри соли 2020.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – С. 779-782.

[12-M] Воҳидова Н.А. Нақши фарҳангҳои фразеологӣ дар таълими забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Муаммоҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои олии касбӣ: вазъи кунунӣ ва дурнамо. Маводи конференсияи ҷуҳуриявии илмӣ-амалии онлайнӣ. Хуҷанд, 29 декабри соли 2020. – Хуҷанд, 2021. – С. 110-113.

[13-M] Воҳидова Н.А. Омилҳои муҳими таҳқиқ ва таълими забонҳои хориҷӣ / Н.А. Воҳидова // Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ). Факултети забонҳои хориҷӣ. – Хуҷанд, 2021, № 12 (2021). – С. 72-78.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ва ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсия тавассути маърӯза ва гузоришоти илмӣ дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ (2020), ҷумҳуриявӣ (2019, 2021), минтақавӣ ва донишгоҳӣ (2017-2022) ва семинарҳои методӣ ба олимону омӯзгорони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» манзур карда шудааст.

Матлабҳои амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот зимни "Хулосаҳо"-и диссертатсия дар интишороти муаллиф (бо ишора ба рақами мақолаҳо) ва қисмати "Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот" дар 8 банд нишон дода шудаанд.

Маводи назариявию амалии диссертатсия метавонад дар рушди асосҳои илмию методологии фразеология ва фразеография, коркарди равишҳои илмӣ дар самти таҳқиқи фразеологияи забонҳои гуногунсохт, такмили принсипҳои созмони фарҳангҳои фразеологӣ ва ташкилу такмили курсҳои махсус, семинар, машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ доир ба фразеология ва фразеография мусоидат намояд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқот.** Ҷамъоварии маводи амалӣ, муайян кардани сохтори диссертатсия, усулҳои муқоиса, таҳлил, хулоса,

ба таври мукаммал бо фарогирии масъалаҳои пайдоиш ва ташаккули фарҳангҳои фразеологии забонҳо, нақши фарҳангҳои фразеологӣ дар таҳқиқи хусусиятҳои фразеологияи забонҳои гуногунсохт ва восита ва усулҳои шарҳи моддаҳои фразеологӣ, маҷмӯан, бори аввал мавриди омӯзиши монографии забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ қарор дорад. Диссертатсия ба вусъати соҳаҳои фразеология ва фразеографияи забоншиносии хусусӣ ва умумӣ нигаронида шудааст.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шӯрои диссертатсионӣ.** Дар анҷоми маҷлис раисикунанда – декани факултети забонҳои хориҷӣ, профессор Абдуллоева М.А. дар бораи шахсият ва фаъолияти омӯзгории унвонҷӯ Воҳидова Н.А. сухан ронда, дар асоси андешаҳои дар маҷлис баёншуда чунин лоиҳаи хулосаи маҷлисро пешниҳод кард: диссертатсия дар мавзӯи мубрам ва ҳанӯз таҳқиқнашуда бо назардошти амалисозии барномаҳои дурнамои давлатии рушди забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва такмили таълими онҳо таълиф гаштааст, мазмуни кор ба мавзӯъ ва шиносномаи ихтисос мутобиқ аст, автореферат муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад, натиҷаҳои таҳқиқ муфассал дар 13 мақолаи илмӣ интишор ёфтааст.

Бо назардошти андешаҳои боло, Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар маҷлиси васеи худ (протоколи № 9, аз 30-юми апрели соли 2022) диссертатсияи Воҳидова Нодира Абдусатторовнаро дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардошти ислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дифоъ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ пешниҳод кард.

**Иштирок доштанд:** 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:
“тарафдор” – 21 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.
Протоколи № 9 аз 30-юми апрели соли 2022.

**Раиси шӯрои олимон,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор:** **Абдуллоева М.А.**

**Муқарризони экспертизаи давраи дуюми диссертатсия -**
**номзади илмҳои филология, дотсенти**
**кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон:** **Пӯлодова Н.Ю.**

**Номзади илмҳои филология, мудири кафедраи**
**забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи**
**иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд, дотсент:** **Файзиева С.А.**

**Котиби маҷлис, сармуаллима:** **Ҳомидова Д.И.**

**«Имзоҳои Абдуллоева М.А., Пӯлодова Н.Ю.,**
**Файзиева С.А. ва Ҳомидова Д.И.-ро тасдиқ мекунам».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**